***УДК 82/821***
***ББК 83.3(0)9***

# ***ШЕВАҲОИ ШОИРОНАИ КОРБУРДИ ТАЪБИРОТИ ХОСИ ФАРҲАНГ ВА ИРФОНИ ҲИНДӢ ДАР ДЕВОНИ БЕДИЛ***

***Нуралӣ Нуров,***
*н.и.филол, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики ДДХ ба номи акад. Б. Ғафуров (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ***ПОЭТИЧЕСКИЕ ПРИЁМЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПРИСУЩИХ ИНДИЙСКОЙ КУЛЬТУРЕ И МИСТИКЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В «ДИВАНЕ» БЕДИЛЯ***

***Нурали Нуров,***
*к. филол. н., доцент кафедры таджикской классической литературы ХГУ им. акад. Б. Гафурова (Таджикистан, Худжанд)*

# ***POETICAL DEVICES OF USING MYSTICAL WORD-COMBINATIONS INHERENT IN INDIAN CULTURE IN BEDIL`S "DIVAN"***

***Nurali Nurov,*** *candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of Tajik classical literature under KhSU named after acad. B. Gafurov (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *nurali74@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *Бедили Деҳлавӣ, фарҳанги ҳиндӣ, ваҳдати вуҷуд, сулҳи кулл, хомӯш нишастан, нафас сӯхтан, пон*

*Дар ин мақола саъй шудааст, ки ҷойгоҳи истилоҳот ва мафоҳими ирфон ва фарҳанги ҳиндӣ дар "Девон"-и Бедил мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор бигирад. Муаллифи мақола дар замина омӯзиши ин мавзӯъ муқаррар намудааст,ки дар назариёти ирфонии Бедил таъсири ҷараён ва мактабҳои фикриву фалсафии ҳиндӣ таъсири равшан дорад, ки ин аз истифодаи зиёди истилоҳоти онҳо равшан мегардад. Бар асоси таҳқиқи мавзӯъ муаллиф ба хулосае расидааст, ки Бедил бо баҳрагирӣ аз мафоҳим ва истилоҳоти фарҳанг ва ирфони ҳиндӣ дар каломи хеш мазмун ва маъниҳои шоиронаву орифонае офаридааст, ки ин матлаб ҳам ба ҳунари шоирӣ ва ҳам афкори барҷастаи фалсафиву ирфонии ӯ таъкид меварзад.*

***Ключевые слова:*** *Бедиль Дехлави, индийская культура и мистика, единство существования, сулхи кулл (всеобщий мир), сжигание тварной души, пон*

*Предпринята попытка провести анализ места терминов и понятий, свойственных индийской мистике и культуре, в «Диване» Бедиля. На основе изучения творчества поэта делается вывод о том, что на мистические взгляды Бедиля оказали большое влияние индийские интеллектуальные и филологические течения и школы. Эб этом свидетельствует обильное использование Мирзо Абдулкадыром Бедилем терминов и понятий, относящихся к индийской мистике и философии. Глубокое знание индийской философии и мистики позволило Бедилю создать в своих творениях новые поэтические и мистические образы и смыслы, свидетельствующие о его выдающемся поэтическом таланте и чрезвычайно интересном философско-мистическом учении.*

***Key words:*** *Bedil Dekhlavi, Indian culture and mysticism, unity of existence,* ***sulkhi kull*** *(universal peace), cremation of created soul,* ***pon***

*The author makes an endeavor to conduct an analysis of the place of terms and notions inherent in Indian mysticism and culture in Bedils "Divan". Proceeding from the poet`s studied creation, he makes a conclusion that Bedil`s mystical views sustained a great influence on the part of Indian intellectual and philological trends and schools. It is testified by abundant use of terms and notions appertaining to Indian mysticism and philosophy Bedil resorted to. Profound knowledge of Indian philosophy and mysticism afforded Bedil to create new poetical and mystical images as well as senses in his literary productions; the fact being an evidence of his outstanding poetic talent and extraordinarily interesting philosophic-mystical tenet.*

Абулмаъонӣ Бедили Деҳлавӣ дар баробари эҷоди як инқилоби бузург дар сабки суханварӣ умдатарин мавзӯотеро дар оинаи анвоъи ашъори худ бозтоб бахшидааст, ки дорои арзиш ва аҳамияти умумиинсонӣ буда, аз ҷумла падидаи барҷастаи фикрии ҷаҳони муосир - гуфтугӯи фарҳангҳоро тавассути корбурди мафоҳим ва таркибу таъбирот ва луғоти хоси ақвоми мухталиф, хоса ҳиндувон дар худ ҷой додаанд. Муроҷиати Бедил ба мавзӯи муколамаи фарҳангҳо ва адён бесабаб нест, чун ҳарчанд аҷдоди вай аз сарзаминаҳои Фароруд ба Ҳинд ҳиҷрат карда буданд, аммо ӯ худ дар миёни ҳиндувон таваллуд шуд ва тамоми умр дар муколама бо ин фарҳанг ва падидаву суннаҳои вежаи он қарор дошт. Ба таъбири дигар, ҳанӯз аз овони хурдӣ ҳамосаи куҳани ҳиндувон – Маҳабҳаратаро аз бар намуда, мустақиман дар баробари забони аслии худ форсӣ бо ҳиндӣ низ такаллум менамуд. Ҳамин огоҳӣ ва пайванди Бедил бо ҳиндувон низ боис омад, ки дар навбати аввал аз мубаллиғони аслии таҳкими пайвандҳои фарҳангии аҳолии Ҳинду Фароруд ва дигар марзҳои забони форсӣ гардад, ки таҷассуми равшани он дар мероси адабии Бедил, хоса "Девон"-и вай ҳувайдост. Дар канори ин, Бедил чун худ аз аҳолии мусалмони Ҳинд буд ва эҳсос менамуд, ки ба рӯзгори вай дар муҳите, ки умр ба сар мебарад, гуфтугӯи адён ва мазоҳиби исломиву ҳиндӣ ба унвони омили муассир дар таҳкими давлатдорӣ ва ҷомеаи вақт муҳим ва зарурӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, дар идомаи иқдоми Акбаршоҳ, ки ғояи Сулҳи куллро маҳз ба хотири ривоҷи муколамаи фарҳангиву динӣ барои таҳкими пояҳои давлатдорӣ асос гузошта буд, Бедил низ дар ашъори хеш ҳамин муколамаи фарҳангии мардумони Ҳинду Мусалмонро тарғиб намуда, дар ин амр ҳатто мушаххасан борҳо аз худи мафҳуми Сулҳи кулл истифода кардааст.

Бедил низ дар шумори мубаллиғони ин андешаи мусолиҳатомез ва татбиқи назарияи муколамаи динӣ қарор гирифт, ки байти маъруфи ӯ ҳақиқати ин амрро ба субут мерасонад:

*Аз маънии дуои буту барҳаман мапурс,*
*Ин ром – ром нест, ҳамон Аллаҳ – аллаҳ аст. (1, 318)*

Бо шинохти амиқ ва ҳар чӣ бештари Бедил ба таълимоти фалсафаи мактабҳои қадимии Ҳинд ва ҷараёнҳои фикрии рӯзгори хеш вай муваффақ бар он гардид, ки тавассути бардоштҳое аз афкор ва андеша ва мафоҳими хоси онҳо ва эҷоди омезаҳое бо аркон ва ғояҳои фирқаҳои тасаввуфии исломӣ як навъ консепсияи ирфонии худро дар шеър тарҳ резад, ки дар ҷавҳари он боз ҳам ягонии инсоният ва расидан ба мақоми инсони комил, берун аз ҳама қайду тааллуқоти зоҳирии марбут ба миллату дину мазҳаб қарор дошта, чеҳраи шоирро ҳамчун суханвари мубаллиғи ғояҳои инсонпарварона бозтоб мебахшанд.

Нуктаи дигари меҳварӣ таваҷҷӯҳи амиқи Бедил ба фалсафаи ваҳдат, ки дар авҷи он боз ҳам ҳамоно ваҳдати инсонӣ қарор мегирад, бори дигар моро бар ин андеша мерасонад, ки дар канори шарҳу тафсири муомилоти орифонаву ошиқонаи фалсафаи мактаби ваҳдати вуҷудӣ бо такя ба муҳит ва фазову айёми рӯзгори хеш зимнан дар иблоғи ваҳдатгаройӣ ҳамоно ба ҳам наздик намудани инсонҳоро берун аз қуюди диниву фикрӣ ва мазҳабӣ дар муҳити фарҳангии Ҳиндустон иқдом мекунад. Ҳамин шеваи муносибат ба фарҳангу забон, оину мазоҳиб, падидаҳои мардумии ҳиндувон, шинохти амиқи таърих ва ҷуғрофиёи ин сарзамин боис омад, ки дар “Девон”-и шоир барои ифодаи мазомину матолиби мухталиф вожаву луғот, таркиботи хоси ҳиндувон, аз ҷумла мафоҳими ҷуғрофӣ, мардумшиносӣ, ирфони куҳани ҳиндӣ, мусталеҳоти ифодакунандаи табиат ва муҳити иҷтимоӣ, оину суннатҳои қадимаи ин мардум бо таҳаввулоти маъноӣ ба кор рафта, дар ғаномандии забон ва андешаҳои Бедили Деҳлавӣ нақш ва таъсире барозанда гузоранд. Мо зимни мутолеаи “Девон”-и шоир ба истилоҳу таркиб ва луғоте чун бараҳман, ром-ром, тӯтӣ, забти нафас, мартоз, Сулҳи кулл, бираи пон, баршигол, худи вожагони ҳиндуву ҳиндувон ва Ҳиндустон, Кашмиру Панҷобу Банғола ва тарокибе амсоли ин фаровон дучор меоем, ки ҳамагӣ дар баробари шореҳи бозтоби фарҳанги қадимаи ҳиндӣ дар каломи Бедил будан сарчашмаҳои ҳиндии ирфон ва фалсафаи шоирро равшан сохта, ҳатто нуфузи вожагони ҳиндиуласлро дар забони шеъри ӯ муқаррар месозанд, ки воқеан ашъори Бедил аз ин дидгоҳ ниёз ба таҳқиқи бештар дорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзӯи бозтоби мафоҳим, луғот ва истилоҳоти хоси таъриху фарҳанг ва ирфони ҳиндӣ дар шеъри Бедил аз ин равзана дорои аҳамияти муҳим хоҳад буд,ки меҳвари ин мақоларо баррасии ҳамин матолиб ва тайъини ҷойгоҳи мероси Абулмаъонӣ дар фарогирӣ ва ҳифозати онҳо ва аз ин роҳ иқдом дар тарғиби муколамаи фарҳангҳо, ваҳдати инсонӣ ва ғояи Сулҳи кулл миёни милал, мазоҳибу адён дар замони худ ба вуҷуд овардааст, ки ин мавзӯъ имрӯз низ қобили аҳамият мебошанд

Тафаккури ваҳдатгаройӣ ва маърифати инсон аз фалсафаи ҳамдиливу ҳамраъйӣ, рабт ба ягонагиву иттиҳод пеш аз ҳама ба рӯзгоре пайванд мегирад, ки ӯ Офаридгори ягонаи хешро шинохтаву ба вуҷуди бемислу воҳид он эътиқод пайдо намудааст. Аз назари иҷтимоӣ ҳам инсоният ваҳдату ягонагӣ, амнияту сулҳ ва зарурати вуҷуди онро дар ростои зиндагонии хеш ҳанӯз дар даврони ба истилоҳ ҷомеаи ибтидоӣ идрок намудааст. Замоне ки одамон ба рӯзгор эҳсос намуданд, ки дар муқобили ҳама гуна нерӯҳои мутазод ба онон, ҳайавону қуввои шарр танҳо якҷоя ва ба таври гурӯҳӣ мубориза бояд бубаранд,зиндагонияшон аз ҳастии иттиҳод ва муттаҳид будан дар меҳвари як нерӯ маънии тоза дарёфт. Ҳамин гуна инсоният ҳам аз назари фикрӣ ва ҳам аз дидгоҳи иҷтимоӣ дар дарозои ниёзмандии ҳамешагӣ ба ваҳдат зиста, ин тафаккур ва андешаи бузургро то мо кашонидааст. Ҳақиқати ин амр, дар ҷилваҳои хоси фалсафаи ваҳдатсаройву ваҳдатгаройии инсоният, гароиш ба сулҳу дӯстӣ ва парҳез аз ҷангу пархош дар таълимоти макотиби фикрии дину мазоҳиби мухталиф, таълимоту фармудаҳои орифону ҳакимон ва донишмандон, инчунин ашъори шоирон бозтоб ёфтааст.

Мусаллам аст, ки Бедил аз зумраи шоирони мутабаҳҳир дар арсаи таблиғи сулҳу дӯстӣ, мактаби ваҳдати вуҷудӣ эътироф шудааст ва ин ҳам беҳикмат нест, чун ба навиштаи яке аз тазкиранигорони ҳамасри вай, ки ҳамзамон ҳамчун шогирди Бедил маҳсуб мешавад, Хушгӯ “басо муқаддимоте, ки Мавлавии Рум дар «Маснавӣ» ва Шайх Ибни Арабӣ дар “Фусус-ал-ҳикам” баён кардаанд, ҳамаро бо шарҳу басти тамом ва бо ташбеҳҳои тоза ва ранге беандоза дар каломи худ баста, чун намаки

ҷамеъи ақсоми сухани шӯрангез тавҳид аст" (6,115). Пас ғояҳои ваҳдати вуҷудии Бедил то ҷое боз ҳам маншаъ дар омезаҳои ирфони ҳиндиву эронӣ ва исломӣ доранд ва албатта фармудаҳои Худованд дар Қуръони Маҷид сарчашмаи зуҳури ин андешаҳост чун ба таъбири худи вай аллакай дар ҳафтсолагӣ забони аҷзбаёнро бо ихтимоми Қуръони Маҷид фоиз гардонида буд. Аммо воқеан бояд эътироф намуд, ки Бедил дар бозгӯӣ ва ташреҳи ҳикматҳои фалсафаи ваҳдати вуҷудӣ ба масобаи як сояи шоирони пешин қарор нагирифт, балки як роҳи фарозу рушанеро дар андешаи худ кашф кард, ки пушти он симои худи шоир ҷилваҳои нуронӣ дарёфт. Ӯ бо мушоҳидаи амиқ ба коинот ҳақиқати ин фалсафаро бар асоси сухани офаридгори бузург, ки дар ояи каримае аз худ фармуда: «…. ба ҳар сӯе, ки рӯй оваред, он сӯй аст Худованд» ташреҳ дод ва никоти ғарибе аз зиндагонии ҷорӣ дарёфт барои маънигузорӣ дар маърифати ваҳдати вуҷуд. Ҳарчанд ҷанбаи аввали андешаҳои Бедил аз китоби муқаддаси Қуръон сарчашма мегирад, аммо ҷанбаи сиёсиву иҷтимоии афкори ӯро низ метавон ба авзои замон ва муҳити зиндагонии худи ӯ пайванд бахшид. Равшан аст, ки Мирзо Бедил дар муҳите зиндагонӣ дошт, ки новобаста ба ибтикороти умарои замони хеш ҳанӯз ҳам ихтилофи диниву мазҳаби миёни мусалмонон ва ҳиндувон ҷой дошт. Муҳаққиқон аз муҳимтарин омили пирӯзии намояндагони хонадони Темуриёни Ҳинд, хоса Акбаршоҳро дар бунёди давлати муқтадир пеш аз ҳама ба роҳандозии сиёсати оштии мазҳабӣ, ки ба ҷараёни Сулҳи кулл маъруф аст, мансуб медонанд. Бедил ҳам чун яке аз мубаллиғони ин ҷараён баромад намуда, бад-ин роҳ хостори ваҳдат миёни кулли ақвом мешавад, то ҳама гуна хушунати қавмӣ, зиддиятҳои мазҳабӣ аз миён бардошта шавад. Аз ин ҷост, ки борҳо дар ашъори Бедил мустақиман ба масъалаи Сулҳи кулл таъкид мекунад, ки масъалаи оштии диниву қавӣ дар меҳвари он қарор дорад:

*Ба ҳамворӣ тариқи Сулҳи кулл чанде ганимат дон,*
*Зи чанги субҳа бар зуннор печидаст дин худро. (1,141*).

Бедил ба аҳли замони худ ҳушдор медиҳад, ки ҳамин тариқати Сулҳи куллро бояд ғанимат шумурд, ки ба асари он субҳа ва зуннор ба унвони ду унсури муҳими ду дин дар канори ҳамдигар қарор доранд ва айни ҳамдигар шудаанд. Чун ҷавҳари таълимоти Сулҳи кулл ҳам ягона шумурдани аслу моҳияти фалсафаи тамоми адён аст, Бедил бо иблоғи ин ақида таъкид бар он дорад, ки танҳо аносири зоҳирии адён сабаби нофаҳмиҳои фаровоне гардида, динро ба гирдоби ҷангу низоъ бурдаанд. Дар фалсафаи Сулҳи кулл бошад, онҳо куллияи ин ақоиди зидду нақизро, ки ҷанбаи зоҳирӣ доранд, фурӯгузорӣ мекунад ва бо ҳам меоянд. Аз ин ҷо, Бедил ҷомеаи худро ба шинохти арзиши ақидаҳои Сулҳи кулл даъват мекунад, ки дар меҳвари он фалсафаи ваҳдати инсонӣ ва ниҳоятан маърифати ҳақиқати оламу одам қарор дорад. Бояд ба қадри ин афкори муҳим, ки инсонгаройиро миёни ақвоми мухталиф таблиғ мекунад, бирасид ва барои он шукргузорӣ намуд. Ҷавҳари андешаи шоир дар ин нуктаи муҳим нуҳуфтааст, ки дар аксари абёте баёнгари ин мавзӯъ таҷассум дорад. Аз ҷумла, ҷои дигар наздик ба ин маънӣ таъкид мекунад, ки барои мардумони дар ихтилоф буда, Сулҳи куллро назр кун, яъне воҷиб дон, ки дар ин олам аз боиси пархошу тазоди онон ҳамеша ҷангу ҷадал миёни мардумони мухталиф сурат мегирад.

*Сулҳи кулл назри ҳарифон, ки дар ин ишратгоҳ,*
*Оташу об ба ҳам дасту гиребон шудаанд. (1,202)*

Бедил ин ҳолатро ба дастугиребон шудани оташу об чун ду унсури ба ҳам зид тасвир намудааст ва аз назари дигар агар умқан ба сӯи матлаби Бедил биравем,

ҳадафи дигаре аз таъкиди он рӯшан мешавад. Оташу об дар ҳарчанд ба ҳамдигар ихтилоф доранд, аммо ду унсури муҳим барои зиндагонии инсон ба шумор меравад ва мағзи афкори инсонгароёнаи Бедил ҳам дар ҳамин нукта қарор дорад, ки ихтилоф ва тазодҳои зоҳири фикрӣ метавонад боиси аз миён рафтани аносири муҳим барои ҳаёти инсонӣ дар рӯи замин гардад, мисли ин ки оташ обро нест мекунад ё об оташро.

Дар ниҳояти талқини ғояи Сулҳи кулл Бедил ба ҷое мерасад, ки ҷомеаи ҳинди рӯзгори хешро ба шинохти ягонагии Худованд дар пешорӯи кулли мардумони олам ва ҷавҳари ягона доштани кулли таълимоти диниву мазҳабӣ мехонад ва фарқиятҳои миёни эшонро танҳо дар зоҳир арзёбӣ менамояд. Мирзо Бедил чун пиру пешвои худ дар ин арса Мавлонои Румӣ талқин дорад, ки маънии дуои буту барҳаман аз мусалмон танҳо дар сурати зоҳир аз ҳам фарқ доранд, ботинан онон хостори шинохти ҳамон Офаридгори ягона ҳастанд, ки дар забонҳо ва динҳои мухталиф бо номҳои гуногун мазкур аст. Боз ҳам ҳамон байти маъруфи ӯ, ки қаблан зикраш рафт, шореҳи ҳақиқати ин андеша хоҳад буд:

*Аз маънии дуои буту барҳаман мапурс,*
*Ин ром – ром нест, ҳамон Аллаҳ - Аллаҳ аст.*

Аз ин ҷо, роҳи равшани Бедил ба сӯи ваҳдати вуҷуд ва таблиғи ӯ аз ин ақидаи умумиинсонӣ мушаххас мегардад. Бедил дар идомаи ин андешаи боло борҳо дар зимни тафсири фалсафаи ваҳдати вуҷуди ҳамин андешаи ягонагии инсониятро бар пояи муносиботи ҷомеаи ҳиндӣ дар ҷавҳар ва асл таблиғ мекунад ва бар ин натиҷа мерасад, ки куллияи мардумони олам ва ҳар чӣ дар олам ҳаст, як ҳақиқате ҳастанд, ки бо ҳазор оина тобон шудаанд:

*Бедил он шӯъла к-аз ӯ базми чарогон гарм аст,*
*Як ҳақиқат ба ҳазор оина тобон шудааст. (1,204)*

Бедил чун дар муҳити ҳиндӣ зиндагонӣ менамуд, таъсири андешаҳои мактабҳои фикрӣ ва фалсафии он, аз ҷумла мартозону бараҳманон берун намонда. Аз ин ҷост, ки ӯ назди орифи машҳури замони хеш фалсафаи йогаҳоро омӯхтааст. Бино ба маълумоти Набӣ Ҳодӣ “ин мард Бедилро омӯхта буд, ки агар тибқи ҳидояту васияти вай амал кунад, дарвозаҳои яқин ва ирфон барояш кушуда хоҳанд шуд. Баробари ин, Шоҳ Яккаи Озод ӯро забти нафас ҳам таълим дода буд, ки аз дербоз миёни соликони ҳинду мартозон бисёр шоеъ буд.”(7, 15) Ин мартозон бошанд аслан, ҳамон мӯътақидони мактаби фалсафии йога мебошанд. Дуктур Риёз Аҳмади Шарвонӣ дар таҳқиқоти хеш “Ғании Кашмирӣ” роҷеъ ба аслу бунёди ақоиди ин гурӯҳ чунин навишта: “Йуг дар истилоҳи фалсафа номи яке аз шаш мактаби фалсафии ҳиндувон аст, ки усули он мубтанӣ бар одоби риёзат ва варзиши баданӣ мебошад ва ҷугӣ ба маънии мартоз истеъмол гардида ва мақсуд аз он омода шудани фард барои анҷом додани кори сахт ва таҳаммули машаққот ва ё худдорӣ аз хоҳишҳо ва лаззот аст. Ҷугӣ бо забти ҳавоси ҷисмонӣ ва димоғии дарун худро аз ҷамеъи хоҳишҳо ва орзуҳо холӣ мекунад ва ба олитарин ҳолат, ки ҳолати бехоҳишӣ аст, мерасад.”(7, 171). Аз баҳси Шарвонӣ метавон ба натиҷае расид, ки манзур аз мартозон ҳамон мӯътақидони фалсафаи йуг аст ва манзур аз омӯзиши забти нафас, ки дуктур Набӣ Ҳодӣ зикр намуда, ҳамин унсури таълимоти йугҳост. Бедил бо омӯзиши аносири ин мактаб тавассути Шоҳ Яккаи Озод дар риёзати ирфонии худ аз таълимоти эшон зиёда ба кор гирифтааст. Аз тарафи дигар, зиндагии пур аз риёзати шоир ин сухани муаллифи болоро тасбит месозад. Риёзати гуруснагӣ кашидан, дар офтобҳои сӯзон бар сар намад гирифта давидан, бар худ раво дидани риёзоти сахти ҷисмонӣ амри

ҳақиқии ин гуфта аст. Баробари ин, дар ашъори Бедил мо зиёда ба таркибҳои забти нафас, нафас дуздидан, нафаси сӯхта, нафасро об кардан ва ғайраҳо дучор меоем, ки нашъа дар ин таълимот доранд. Масалан, Бедил мегӯяд:

*Забти нафас навиди дили ҷамъ медиҳад,*
*Гар фоли кутаҳӣ занад, ин реша донаест( 1, 264).*

Муҳаммад Рашшод дар китоби "Фалсафа аз оғози таърих" йогаро шомили 85 навъ аъмоли шоққа донистааст, ки миёни онҳо ғизо хӯрдан ва хобидан ва нафас кашидан ва нишастан ва бархостан ва ғайраҳо ҷой доранд (3, 48)

Дар тавзеҳоти китоб бошад, зикри 15 зинаи он бо шарҳу тафсир омадааст, ки яке аз онҳо пранаяма- танзими нафаскашӣ ва ҳаракатҳо мебошад. Ин гуфтор дар ҳамин зинаҳои таълимоти мартозони Ҳинд реша доштани ибороти забти нафас, нафас дуздидан ва ғайраро гувоҳ мебошад, ки намунае аз ашъори Бедил қаблан рафт. Аз ҷониби дигар, таъсири зинаҳои дигари йугаро низ метавон дар ашъори Бедил ба мушоҳида гирифт. Бахусус, зинаҳои Мулобандҳа – ҳамеша ба ҷавҳари олам, ки асрори худии инсон аст, рӯ овардан, дҳарана - дар тамоми мавҷудоту махлуқот Худоро дидан, Кала – дар ҳама ҳолат ҷустани некӣ, бахту саодат дар асрори худӣ ва ғайраҳо дар шеъри Бедил зуҳур намудаанд, ки ин масъала баҳси алоҳида мехоҳад.

Аз ҷониби дигар, Бедил дар инкишофи ҷанбаҳои фикрии ин мактаби фалсафӣ эҳтимом варзида, назарот ва андешаҳои эшонро такомули афзуни маънавӣ бахшид. Бо бардошт аз ин андеша Абулмаъонӣ дар тариқати хеш то ба ҷое мерасад, ки нафасро охирин василаи тааллуқи инсон меҳисобад. Аз ин рӯ, фосилаи раҳоии инсон аз тааллуқоти дунявӣ ба андозаи фурсати нафас дуздидан ё нафас сӯхтан ва ё забти нафаси вай аст. Дар талқини ин сухан Бедил ашъори касир гуфта, ки абёти зер намунае аз онҳост:

*Бедил эҳёи маъонӣ ба хамӯшӣ кардам,*
*Нафаси сӯхта эҷози Масеҳои дил аст (1, 239).*

Таркиби нафаси сӯхта ҳосили бардошти Бедил аз ин мақоми сулуки мартозон буда, онро эҷози Масеҳои дил шумориданаш аз он аст, ки чун ориф ба мақоми забти нафас бирасад ва тавассути он аз охирин гарди кудурати алоиқ раҳоӣ ёбад, дар хеш мирад ва дубора дар Ҳақ таваллуд шавад. Бар ин ваҷҳ нафаси сӯхта мӯъҷизаи дил аст, ки орифи дар хеш мурдаро дубора эҳё мекунад.

Дар мисраи аввал бошад, талқини хамӯшӣ мекунад, ки тавассути он дар байт рабте миёни нафаси сӯхта ва эҳёи маъонӣ ба хамӯшӣ кардани вай барқарор мегардад. Мо қаблан роҷеъ ба вуҷуҳоти хамӯшӣ дар таълимоти хоси асмо гуфтем, вале мартозон низ дар ин маънӣ назароти хешро доранд.

Мабоҳиси қаблӣ водор месозад, ки як матлаби муҳимро, ки дар заминаи таъсири андешаи мартозони Ҳинд ба тафаккури шоир ба миён омадааст, иброз дорем. Агар ба ашъори Бедил мутаваҷҷеҳ гардем, маълум мегардад, ки таркибҳои "хилват гузидан, чашм бастан, хомӯш нишастан, нафас сӯхтан" хеле зиёд ба кор рафтаанд ва ҳар яке аз онҳо ҳовии ҷабҳаи муайяни фикриву фалсафӣ мебошанд. Профессор Набӣ Ҳодӣ зимни тақрири заминаҳои бавуҷудоии ин гуна афкор менависад, ки "онон илова бар хилват гузидан, хамӯш нишастан ва чашм бастан, амали дигаре ҳам доштанд, ки он нафас дар кашидан ё ба ибораи дигар тамрини нафас дуздидан аст."(7, 16)

Ҷавҳари андешаи ин гурӯҳ дар он ифода мегардад,ки ҳангоми иҷрои амали тамрини нафас ориф то дер гоҳ нафасашро даруни сина нигоҳ медорад, зеро ба андешаи эшон нафас аз муҳимтарин васоити пайванди инсон ба олами имкон маҳсуб

мегардад. Пас, ба назари ин гурӯҳ ҳар ки зиёда нафас туздад, ворастагӣ ва раҳоӣ аз қайдҳои дунё насиби ӯст. Дар андешаи Бедил ин аъмоли сӯфиёна хеле такомул ёфтаанд. Агар ба мӯҳтавои аъмоли мазкур мутаваҷҷеҳ гардем, миёни онҳо қаробати қавии муттасил ба назар мерасад. Зимни ин қаробат як навъ пайвасти силсилавӣ аъмоли зикршударо ҳамчун чаҳор зинаи сулуки маънавӣ муаррифӣ менамояд. Дар зинаи нахуст, ки хилват гузидан аст, солик аз тақайюди олам барканор мешавад. Талқини ин зина дар шеъри Мирзо Бедил мукаррар ба қалам омадааст. Масалан, ҷое мефармояд:

*Дар ин гулшан чӣ лозим маҳви чандин рангу бӯ будан,*
*Замоне ҷилваи оина кун хилватгузиниро (1, 134).*

Бедил бо бардошт аз рукнҳои аслии зинаи нахуст талқин мекунад, ки ба сурату маънии дунё фирефта машав ва аз он барканор бош, то қадаме сӯи Ҳақ гузорӣ.

Сипас, дар зинаи дувум мақоми хамӯшӣ гузидан фаро мерасад. Дар ин марҳала сӯфӣ пайванди забонии худро аз оламиён мебурад, зеро ба назари вай сухан гуфтан бо мардум низ навъе аз таааллуқот аст. Дар ишорат ба ин маънӣ абёти касир дорад. Масалан:

*Наҷот металабӣ, хамӯшӣ гузин, Бедил,*
*Ки дар тариқи саломат хамӯшӣ устод аст (1, 242).*

Ин ҷо манзур аз наҷот талабидан раҳо шудан аз пайвандҳои заминӣ аст ва тариқи саломат бошад, ифодагари тариқати орифон мебошад, ки ниҳояти он тақарруб ба Худост. Ҳосили сухан он аст, ки василаи асосии раҳоии ориф аз қайдҳои дунявӣ хамӯшӣ гузидан маҳсуб мегардад. Зеро ихтиёри хамӯшӣ дар тариқат устоди сӯфист, ки ӯро ба қурби дӯст ҳидоят менамояд.

Зинаи севум чашм бастан аз он чӣ дар олам мавҷуд аст, мебошад. Дар ин марҳала сӯфӣ аз мавҷудоти олам чашм барбаста, чашми басирати хешро мутаваҷҷеҳи мушоҳидаи маъбуд мекунад. Чунки ба назари мӯътақидони ин гурӯҳ чашм дӯхтан ба олами имкон низ навъе пайванд ба он аст. Барои ҳамин сӯфӣ бояд аз ҳар чӣ дар олам ҳаст, чашм пӯшад. Дар ишорат ба ин гуфта Бедил ашъори зиёд дорад:

*Диққати бисёр дорад фаҳми асрори адам,*
*Чашм олам бипӯшӣ, то шавӣ огоҳи мо (1, 24).*

Ин маънӣ дар шеъри Бедил тавассути таркибҳои чашм барбастан, мижа бастан, чашм пӯшидан ва ғайраҳо баён гардидааст.

Зинаи чаҳорум ин нафас даркашидан ё забти нафас маҳсуб мешавад, ки мақоми ниҳояти сулук аст. Тавре гуфтем, ин гурӯҳ охирин пайванди инсонро ба дунё дар нафас кашидан маънидод мекунанд. Бедил дар ифодаи маънӣ аз тарокиби забти нафас, нафас туздидан, нафаси сӯхта ва ғайраҳо ба кор гирифтааст. Профессор Набӣ Ҳодӣ дар баробари дигар орифони ҳиндӣ аз акобири сӯфияи рӯзгори Бедил чунин ёд мекунад: “Бархе аз ин бузургон аз ҷома бениёз буданд, баъзе урён ба назар мерасиданд ва бархе дар олами ҷазабот торӣ, сокит ва мабҳут буданд”( 7, 21).

Ҷилваи тафаккури ин гурӯҳи сӯфиён дар ашъори Бедил хеле рӯшан ба назар мерасад. Дар сурудаҳои Мирзо Бедил ба калимот ва таъобиру тарокиби урёнӣ, урёнтанӣ, ҷомаи урёнӣ ба бар кардан зиёда дучор меоем. Ин нукта гувоҳи он аст, ки сарчашмаи ин андеша дар каломи Бедил аз тафаккури ҳамин гурӯҳ оғоз мегирад. Эшон мӯътақид буданд, ки инсон чун урён ба дунё меояд, пас варо чӣ ҳохат ба либоси дунявӣ, ки навъе аз таааллуқот маҳсуб меёбад. Дар робита ба ин маънӣ ҷое мефармояд:

*Танам зи банди либоси такаллуф озод аст,*
*Бараҳнагӣ ба барам хилъати Худодод аст (1, 242)*

Вале Мирзо Бедил бештар зимни бардошт аз ин андеша ба он тобиши ирфонӣ бахшида, мафҳум ё истилоҳи урёниро барои ифодаи маъниҳои ворастагӣ аз қайдҳои дунявӣ, берун омадан аз зиндони муқайяди олам ба кор гирифтааст. Ҳатто худи вай сареҳан ин матлабро дар шакли «белибосӣ ҳанӯз урён» нест, тавзеҳ медиҳад ва ин ҷо равшан мешавад, ки дар ҳақиқат ҳарчанд афкори ирфонии вай сарчашма дар андешаи ин гурӯҳ дорад, аммо Бедил фаротар аз ин фаҳмиш меравад ва дидгоҳи хосаи сӯфиёнаи худро эҷод месозад:

*Умрҳо шуд дамидааст офоқ,*
*Белибосӣ ҳанӯз урён нест.(1,232)*

Ба назари Бедил ҳар касе аз либоси тааллуқ озод аст, вай пироҳане аз урёнӣ ба бар дорад. Таъбири «пироҳан аз урёнӣ аз бар кардан» навъе тасвири парадоксӣ ҳам ҳаст, ки дар каломи Бедил ба унвони яке аз шохисаҳои ҳунарӣ нуфуз дорад. Ҷое ба ин сурат тавсире эҷод намудааст:

*Чунин к-аз дидаҳо пӯшидаанд аҳволи Маҷнунам,*
*Ки гар гардун шавам, урёнии ман пираҳан дорад(1, 440).*

Шоир таъкид мекунанд, ҳарчанд дар ин олам аз қайди тааллуқ ворахӣ, вале дар танат тасаввуроти оламиён пироҳан мепӯшонад, яъне туро тааллуӯ мепазирад. Ҳақиқати ин гуфтор аз рамзи ишқи Маҷнун равшан мегардад, зеро мардум ноогоҳона аз асолати ишқаш бар тани вай пироҳани ҷунун пӯшонидаанд. Шоир вақте "аҳволи Маҷнунам" мегӯяд, манзураш ниҳояти ишқи хеш аст, ки арбоби дунё ҳаргиз бар ҳақиқати он бовар накунанд.Мӯҳтавои байт гувоҳ аст, ки манзури шоир аз урёнӣ ворастагӣ аз қайди олам буда, бо бардошт аз тафаккури гурӯҳи қаблан зикргардида дар андешаи Бедил таҳаввули маънӣ кардааст.

Дар баробари мафоҳими марбут ба афкори сӯфиёнаи мактабҳои ҳиндӣ дар сурудаҳои Абулмаъонӣ мо ба истилоҳу вожагоне ҳам дучор меоем, ки хоси фарҳанг ва ҷомеашиносии ҳиндӣ буда, шоир онҳоро дар офариниши маъонии ноби шоирона, хоса мазомини ирфонӣ ба кор гирифтааст. Аз ҷумла, дар чандин маворид дар девони Бедил мо ба таъбири «бираи пон» дучор меоем, ки он дар асл барги гиёҳе бошад, ки дар Ҳиндустон барои сурх кардани лаб истифода шавад. Онро бираи танбул ҳам гӯяд, ки пон шакли ҳиндии он бошад. Дар «Фарҳанги Онандроҷ» худи ибораи "бираи танбул" ё "бираи пон" чунин тавзеҳ ёфта: - Чанд барги танбул, ки ҳамроҳи коту филфил ва чуна ва аксар дар барги кабала ва пала печанд ва махсуси аҳли Ҳинд аст ва дар вақти рухсат ба касе низ намедиҳанд ва хӯрдани он даҳонро хушбӯву рангин мекунад (8, с. 833-834).

Дар Девони Бедил ҳам ба шакли бираи пон ва ҳам ба сурати худи пон омадааст:

*Ҳар касе чун гул дар ин гулшан ба ранге дилкаш аст,*
*Лаб ба соғар боз кардам, бираи пон ёфтам. (2,1055)*

Дар шакли худи пон дар матлаъи яке аз ғазалҳои Бедил чунин ба кор рафта:

*Боз аз пон гашт лаъли навхати дилдор сурх,*
*Ғунчааш омад бурун аз пардаи зангор сурх. (2,424)*

Ҳамин тавр, аз ин баҳсу баррасиҳо равшан мегардад, ки дар заминаи афкори сӯфиёни Ҳинд ва корбурди истилоҳот ва мафоҳими хоси фарҳанги ҳиндӣ Бедил тавониста, ба кашфи як сулуки маънавӣ ва офариниши маъниҳои хосаи ирфонӣ муяссар гардад. Аз ҷониби дигар, андешаҳои болоӣ моро ба натиҷае мерасонанд, ки ашъори Бедил аз таълимоти фалсафаи мартозон ба тавассути тадриси Шоҳ Яккаи Озод фоиз гаштааст. Бар ин ваҷҳ ҳангоми маърифати андеша ва матолиби шоир

маъникушоро лозим меояд, ки аз ҷаҳонбинии фалсафии ҳинд бархурдор бошад. Аз ҷониби дигар, афзунии асари ин макотиби фалсафӣ ба андеша ва афкори Бедил бар ду ваҷҳ аст:

Зиндагии Бедил дар муҳите, ки ин макотиб интишор ёфтаанд. Албатта, таърихи шеъри форсӣ гувоҳ аст, ки муҳит ва ҷаҳонбинии роиҷи давру замон ҳамеша ба тафаккури шуарои ҳамон рӯзгор таъсир мегузорад. Аз дигар сӯ, шоирон ин ҷаҳонбиниро ба ашъори хеш кӯч дода, ба ин васила онро ба оянда интиқол медиҳанд. Ин мушаххасоти воқеии таърихӣ барои Бедил низ хос аст ва дар муҳити ӯ, ки замони интишори қавии андеша ва афкори ин макотиб буд, бидуни таъсир мондани вай барин шоири муқтадир лоимкон аст. Роҷеъ ба масъалаи таъсири муҳит ба шеъри Бедил бошад, баҳси алоҳидае низ ҳаст, вале нуктаи фавқуззикр низ бахше аз он маҳсуб мегардад. Усулҳои қобили риёзати ирфонӣ доштани ин макотиб, ки дар замони Бедил хеле ривоҷ ёфта буданд ва истиқболи онҳо аз ҷониби урафо мӯҷиби он мегашт, ки дар таи мароҳили сайру сулук орифон ҳамчун мароҳили тариқат барои хеш корбаст намоянд. Ин маънои онро дорад, ки тафаккур, андеша ва мароҳили ҷорӣ дар тариқати ин гуна макотиб ба ирфони замони Бедил хеле асари амиқ гузошта, то ба дараҷаи ихтилот ҳам расид. Шояд аз ҳамин дидгоҳ буд, ки Шоҳ Яккаи Озод барои Бедил забти нафасро ҳамчун усули риёзати ирфонӣ омӯзонид. Бар ин ваҷҳ, Мирзо Бедил дараҷаҳои камолоти рӯҳонии ин макотибро омӯхта онҳоро дар таълимоти фалсафию ирфонии хеш зиёда ба кор гирифт.

**_Пайнавишт:_**

1. *Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди 1, бахши 1./М. Бедил- Теҳрон, Тилоя, 1389.- 798 с.*
2. *Деҳлавӣ, Бедил. Куллиёт. Тасҳеҳи Холмуҳаммади Хаста ва Халилуллоҳи Халилӣ. Ба кӯшиши Баҳман Халифаи Баноравонӣ. Иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди 1, бахши 2./М. Бедил- Теҳрон, Тилоя, 1389.- 802 с.*
3. *Рашшод, Муҳаммад. Фалсафа аз огози таърих. –Душанбе: Ирфон, 1990. -400 с.*
4. *Салоҷуқа, Парвин. Нақди навин дар ҳавзаи шеър. - Теҳрон, интишороти Марворид, 1389. 348 с.*
5. *Хушгӯ. Биндробан Дос.Сафинаи Хушгӯ.Дафтари солис. Ба кӯшиши Саид Шоҳмуҳаммад Атоурраҳмон, Ато Кокуӣ.Патна,Биҳор, 1959 ҳ.400. с.*
6. *Ҳодӣ, Набӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил. -Теҳрон: 1374. – 208 с.*
7. *Шарвонӣ, Риёз Аҳмад. Ғании Кашмирӣ.-Кобул:1379.-308 с.*
8. *Шод, Муҳаммад Подшоҳ.Фарҳанги ҷомеаи форсӣ.ҷ.1. Теҳрон, китобфурӯшии Хайём, 1363. – 848 с.*

**_Reference Literature:_**

1. *Dekhlavi, Bedil. Collection of Works. Recension by Kholmuhammad Hast and Khalilulloh Khalili. Under promotion of Bahman Khaliph Banoravoni. In 5 volumes. V.1, part 1. – Tehran: Tiloya, 1389hijra. – 798 pp.*
2. *Ibidem. Part 2. – 802 pp.*
3. *Rashshod, Muhammad. Philosophy since Inception of History. – Dushanbe: Cognition, 1990.*
4. *Salojuka, Parvin. New-Literary Criticism of Poetry. – Tehran: Marvorid (Pearl) publishing-house, 1389hijra. – 348 pp.*
5. *Khushgu, Bindroban Dos. Khushgu Anthology. The third Notebook. Under the editorship of Said Shohmuhammad Atourrahmon, Ato Kokuy. Patna: Bihor, 1959. – 400 pp.*
6. *Hodi, Nabi. Mirzo Abdulkadir Bedil. – Tehran, 1374hijra.-208 pp.*
7. *Sharvoni, Riyoz Ahmad. Ghani Kashmir. – Kabul, 1379hijra.- 308 pp.*
8. *Shod, Mukhammad Podshokh. Persian Social Culture. V.1. Tehran. Publishing-house named after Khayom. 1363 hijra. -848 pp.*